# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 004 назди Донишгохи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Саидова Ҳисния Маҳмадулоевна дар мавзӯи: «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01-Назарияи иқтисодӣ, пешниҳод шудааст.**

Мавзӯи диссертатсионии **Саидова Ҳисния Маҳмадулоевна** дар мавзӯи: **«Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ»** тадқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, ки нақши худро дар илми иқтисод мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл дорад. Ҳамаи корҳои иҷро гардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқот инъикос гардидааст.

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот.** Дар шароити муосир масъалаи рушди соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ аҳамияти махсусро касб менамояд, зеро ислоҳоти гузаронидашудаи соҳаи иҷтимоӣ дар бештари мавридҳо имконияти гузариш ба рушди устувори иқтисодии мамлакатро муайян менамояд. Ислоҳоти соҳаҳои иҷтимоӣ дар тамоми давлатҳо ба манфиати аҳолӣ буда, бевосита ба сатҳи некуаҳволии моддӣ, истеъмолот, дарозумрӣ, сифату тарзи ҳаёт ва фаъолнокии меҳнатию иҷтимоии аҳолӣ таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, дар шароити муосир омӯзиши масъалаи рушди соҳаҳои иҷтимоӣ на танҳо мубрам, балки масъалаи аввалиндараҷа дар шароити иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад.

Айни замон афзоиши аҳамияти таҳқиқотҳои назариявӣ оид ба масъалаҳои соҳаи иҷтимоӣ дар он аён мегардад, ки сиёсати иқтисодии давлатҳо барои ташкили шароите равона шудааст, то зиндагии арзанда ва рушди озоди инсонро таъмин намояд ва муҳимтарини онҳо қонеъсозии талаботи аҳолӣ бо хизматҳо, махсусан, хизматҳои иҷтимоӣ мебошад, ки ба тағйироти пешқадами иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ ва дар маҷмӯъ, ба беҳтаршавии вазъи иқтисодӣ оварда мерасонад. Яке аз вазифаҳои асосии давлати иҷтимоӣ, ки Тоҷикистон низ ба он мансуб мешавад, ин равона намудани қисмати назарраси маблағҳо ба соҳаи маориф, тандурустӣ, фарҳанг, илм, омодасозии касбии кадрҳо ба шумор меравад. Яъне барои ташаккулдиҳӣ ва рушди сармояи инсонӣ маблагузории он яке аз омилҳои асосии пешрафти иқтисодӣ-иҷтимоии ҷамъият мебошад.

**Заминаи назариявӣ ва методологии таҳқиқот** ба роҳу равиши назариявӣ ва методологӣ ва муқарароти дар илми иқтисодӣ коркард шуда, ба принсипҳои илмӣ ва консепсияҳои дар таҳқиқоти илмии олимони хориҷӣ, Россия ва олимони ватанӣ оиди мавзӯи таҳқиқот асос ёфтааст. Барои таҳлил ва банизомдарории истифодабарии маводи воқеӣ усулҳои таҳлили муқоисавӣ, таҳлили иқтисодӣ-оморӣ, сохторӣ, таҳқиқоти бонизом, таҳлили таърихии давраи тоислоҳотӣ ва шароити муосир, усулҳои умумисозӣ ва баҳодиҳии экспертӣ, индуксия ва дедуксия ва ғайра истифода карда шудаанд.

**Ҳадафи таҳқиқот** - ошкор намудани хусусиятҳои рушди соҳаи иҷтимоӣ дар заминаи таҳлили вазъи соҳа дар марҳилаи кунунӣ ва ислоҳоти барномаҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мебошад.

**Масъалаҳои таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ амалисозии мақсади мазкур иҷроиши вазифаҳои асосии зеринро тақозо намуд:

- асоснок намудани роҳу равиши назариявии таҳқиқоти соҳаи иҷтимоӣ ва хусусияти табиати иқтисодии он;

-ҷудо намудани аҳамияти соҳаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ҷамъият ва муайян намудани нақши он дар шароити иқтисоди бозорӣ;

-муайян намудани хусусиятҳои рушди хизматрасониҳои соҳаи тандурустӣ дар хизматрасониҳои тиббии аҳолӣ;

-муқаррар намудани вазъи муосири соҳаи хизматрасонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

-пешниҳод намудани хусусиятҳои рушди соҳаи хизматҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ;

-муайян намудани роҳҳои афзоиши самаранокии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ.

**Объекти таҳқиқот** хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад.

**Мавзӯи таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодӣ дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, дар мисоли хизматҳои соҳаи тандурустӣ ва муассисаҳои олии касбӣ дар шароити ислоҳоти онҳо мебошад.

**Усулҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои зерин истифода мешаванд: таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, муқоисавӣ, индуксия ва дедуксия инчунин усулҳои эконометрикӣ, таҳлил ва синтез.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои илмии олимони дохилӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ бахшида шудаанд, ташкил доданд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** аз консепсияҳо ва назарияи

хизматрасониҳои иҷтимоӣ, усулҳои мавҷудаи арзёбии ҷараёнҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ҳуҷҷатҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборатанд.

**Соҳаи таҳқиқот.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ мувофиқат мекунанд:

1.1. Сохтор ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; даврахои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ; амали ҳамзамони қувваҳои истеҳсолкунанда, шаклҳои иқтисодӣ, методҳои хоҷагидорӣ ва сохтори ниҳодӣ; назарияи механизми хоҷагидорӣ ва инкишофи он: усул (принсипҳо), тамоюлҳо ва вижагиҳо; қонуниятҳои таҳаввулоти низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; нақш ва вазифаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар амалкарди системаҳои иқтисодӣ;

1.2. Назарияи микроиқтисод: назарияи тақозои истеъмолӣ; назарияи ташкилии бозорҳо; назарияи иқтисодиёти некуаҳволӣ; алоқамандии некуаҳволии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Давраи иҷрои кори диссертатсионӣ солҳои 2014-2019-ро дар бар мегирад.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот. Диссертатсия** дар назди кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ** бо таҳлили назариявӣ ва амалӣ, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳқиқи соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоии тандурустӣ ва соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ асос меёбад. Вобаста ба вазифаҳои гузошташуда ба муқарраротӣ унсури навгонидошта инҳо дохил мешаванд:

❖ дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ, тавзеҳи муаллифии мафҳуми хизматрасонии иҷтимоӣ пешниҳод карда шуда, алоқамандии он бо маблағгузории сармояи инсонӣ ошкор карда шуд, нақши соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар мукаммалгардонии раванди ташаккулёбии сармояи инсонӣ ва муҳиммияти он барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият муайян карда шуд;

❖ таъсири чораҳои ба самти танзими тақозо ва арзаи хизматҳои тиббӣ нигаронидашуда дар ҳолати гузаронидани ислоҳоти соҳаи тандурустӣ омӯхта шуда, хусусиятҳои рушди хизматрасонии тандурустӣ муайян карда шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин хизматҳо асосан хизматҳои статсионарӣ буда, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дода шудааст, ки хизматрасониҳои амбулаторӣ метавонанд барои кам гардидани хизматрасониҳои статсионарӣ мусоидат расонанд;

❖ мушкилоти хизматрасониҳои соҳаи маорифи таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян карда шуд, ки бештар дар паст будани сифати хизматрасонӣ, вобаста ба талаботи бозори меҳнат тайёр накардани кадрҳо, номувофиқ будани омодасозии кадрӣ ва тақозо ба кадрҳо аён мегардад;

❖ хусусиятҳои рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ошкор карда шуда, муайян карда шудааст, ки барномаи кафолати давлатӣ ҳуҷҷати муҳим барои рушди соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои тиббӣ мебошад ва чандирии тақозо ва арзаи хизматрасониҳои тиббӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян карда шудааст;

❖ самтҳоиояндаи рушди хизматрасониҳои тандурустӣ ҳамчун стандарти минималии иҷтимоии тандурустӣ ва чораҳо барои баландбардории самаранокии хизматрасониҳои тиббии аввалия ба воситаи афзоиши тақозои аҳолӣ ба он пешниҳод карда шуда, муайян карда шуд, ки хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои беҳтарсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум таъсири мусбӣ мерасонанд;

❖ роҳҳои мукаммалгардонии самаранокии соҳаи хизматрасонии маорифи муассисаҳои олии касбӣ пешниҳод карда шуд, ки: устувор гардонидани раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; мутобиқнамоии барномаҳои таълимӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ; воридшавии маорифи таҳсилоти олии касбӣ ба бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои маорифро дар бар мегирад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Муқаррароти назариявӣ ва роҳу равиши дар диссертатсия истифодашуда метавонад дар муайянсозии раванди хизматрасониҳои иҷтимоӣ, коркарди методологии муайяннамоии табиати он ва коркарди моделҳои назариявии омӯзиши раванди хизматрасониҳои иҷтимоӣ аён мегардад. Муқаррароти диссертатсия метавонанд дар раванди омӯзиши фанни назарияи иқтисодӣ, инчунин, аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва вазоратҳои дахлдор ҳангоми коркарди сиёсати иҷтимоӣ истифода карда шаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Аҳамияти амалии кор дар он таҷассум меёбад, ки муқаррароти назариявӣ-методологии диссертатсионӣ дар

фаъолияти амалии вазорату идораҳои дахлдор ҳангоми мукаммалгардонии сиёсати иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, қабули қарорҳои идоракунӣ дар соҳаи тандурустӣ ва маорифи таҳсилоти олии касбӣ истифода шуда метавонанд. Натиҷаи таҳқиқоти иҷрогардида метавонад ҳангоми пешбурди таҳқиқоти илмӣ оид ба афзоиши самаранокии соҳаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ истифода шавад.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

- асосноккунии пояҳои назариявӣ ва методологии хизматрасонии иҷтимоӣ;

- омӯхтани самтҳои танзими тақозо ва арзаи хизматҳои тиббӣ дар ҳолати гузарониданиислоҳоти соҳаи тандурустӣ ва муайянсозии хусусиятҳои рушди хизматрасони тандурустӣ;

- муайянсозии мушкилоти соҳаи хизматрасониҳои соҳаи маорифи таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ;

- ошкор намудани хусусиятҳои рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ;

- муайян кардани самтҳои ояндаи рушди хизматрасониҳои тандурустӣ, ҳамчун стандарти минималии иҷтимоии тандурустӣ ва чораҳо барои баландбардории самаранокии хизматрасониҳои тиббии аввалия ба воситаи афзоиши тақозои аҳолӣ ба он;

- пешниҳод намудани роҳҳои мукаммалгардонии самаранокии соҳаи хизматрасонии маорифи муасисаҳои олии касбӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ.** Тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, ба монанди таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузоштшуда ва иҷрои вазифаҳои он.

Мутобиқи банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Саидова Ҳисния Маҳмадулоевна дар мавзӯи: «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01-Назарияи иқтисодӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- **Раҷабов Раҷаб Кучакович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;
- **Нурализода Амрулло Назрулло** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Ба ҳайси муассисаи пешбар ба диссертатсия **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** таъин карда шавад.

3. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Умаров Х.У.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Низомова Т.Д.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Низомов С.Ф.